**ТАҚРИЗ**

ба автореферати Абдулов Ҷамолиддин Мухрудинович дар мавзуи "Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Осорхонаи мактабӣ яке аз шаклҳои пешбурди фаъолияти эҷодӣ ва ҷамъиятӣ ба шумор рафта, дорои арзишҳои баланди тарбиявӣ ва ахлоқӣ мебошад. Тавассути осорхона хонанда имконият пайдо менамояд, ки муносибати худро ба маданият, фарҳанг ва таърихи миллат муайян намояд.

Вобаста ба ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба масъалаи ҳифзи гиромидошти мероси ниёгон, омӯзишу таҷрибаи сарватҳои таърихию фарҳангӣ ва тарбияи ватанпарастӣ, хештаншиносӣ, зебоипарастии насли наврасу ҷавонон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи берун баровардан ва ворид кардани сарватҳои таърихию фарҳангӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Осорхонаҳо ва Фонди Осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои омӯзишу таҷрибаи мероси ниёгон, ҳифзи барқарорнамоии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва худшиносию худогоҳии ҷомеа мусоидат карданд.

Диссертатсияи мазкур мубрам ва ба талаботи замон мувофиқ буда, дар шароити муосир барои ба таври мақсаднок ва босифату самарабахш ба роҳ мондан ва ташаккул додани мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Боби якуми диссертатсия - "Асосҳои назариявӣ-методологии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ" - ба таҳлили назариявии заминаҳои фарҳангиву таърихии пайдоиши осорхонаҳои мактабӣ ва нақши онҳо дар тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонадагон бахшида шудааст. Боби мазкур масъалаи заминаҳои таърихии илми осорхонашиносӣ, ки ба таърихи пайдоишу рушди осохонашиносӣ ҳамчун илми мустақил бахшида шуда, дар давраҳои гуногуни таърихӣ ва дар доираи мамлакатҳои гуногун мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст баррасӣ менамояд. Ҳамзамон ба масъалаи ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону

ҷавонон ҳамчун рукни таркибӣ ва ҷудонашавандаи тарбияи худшиносии миллӣ, тарбияи худогоҳӣ, ваҳдат, ҳувият ва ифтихори миллӣ, тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ ва хештаншиносӣ, ташаккули тафаккури миллии шаҳрвандон, ифтихор аз қавму миллати хеш, эҳтиром ва гиромӣ доштани таърих ва мероси фарҳангии ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад.

Масъалаи принсипҳои ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ бевосита ба масъалаи нақши осорхонаҳои мактабӣ дар ташаккули мавқеъи шаҳрвандии хонандагон бахшида шудааст.

Боби дуюми рисола "Шароитҳои педагогии татбиқи корҳои таълиму тарбиявии осорхонаҳо дар ташаккул додани мавқеи шаҳрвандӣ дар наврасону ҷавонон" ба таҳқиқи озмоишии масъалаи мавриди назар ва зимни он ошкор намудани шароитҳои педагогии ташаккули мавқеъи шаҳрвандӣ дар наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ, коркард ва татбиқи шароитҳои таъминкунандаи самарабахши ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ, мазмун, шакл ва мундариҷаи корҳои осорхонаи мактабӣ ва дар ин замина ба роҳ мондани тарбияи босамари мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон, ба ташкили бонизоми осорхонаҳои мактабӣ дар партави мавзуи таҳқиқоти мазкур, шакл ва мундариҷаи кори он бахшида шудааст.

Рисолаи илмии Абдулов Ҷамолиддин Муҳрудинович дар мавзуи "Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ" таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад.

Барои боз ҳам беҳтар гардидани мазмуни кори таҳқиқотӣ баъзе андешаҳои хешро иброз медорам:

1. Хуб мешуд, аз корҳои илмии олимони ватанӣ, ки ба мавзуи таҳқиқотӣ наздиканд, истифода бурда мешуд.

2. Дар кори диссертатсионӣ хатогиҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ба таҳрир ниёз доранд.

Камбудиҳои зикршуда арзиши илмии рисолаи илмии Абдулов Ҷамолиддин Муҳрудиновичро дар мавзӯи "Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ" кам намекунад.

Хулоса, рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли

2021, тахти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Абдулов Ҷамолиддин Мухрудинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Ноиби ректор оид ба идеология,
тарбия ва робита бо ҷомеаи Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Аҳмадзода З.К.

Сана: 19.01.2024
734025, ш. Душанбе, куч. Саид Носир 33
zulfiya.did@mail.ru
(992)98 545 99 80

Имзои З.К. Аҳмадзодаро «тасдиқ мекунам».

________________________

Сардори Раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ҳомидов Ш.